**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46; Факс: 27 54 49
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**

80/A, H. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46; Fax: 27 54 49
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**PRESS RELEASE**

**Ҳукуматии Япония 83.8 млн йени Ҷопониро (тақрибан 600,000 доллари ИМА) барои лоиҳаи ҳифзи мероси фарҳангӣ дар Тоҷикистон ҷудо намуд**

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН - 6 майи соли 2025**

Рӯзи 6 майи соли 2025, хонум Кейко ФУРУТА, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва хонум Матлубахон САТТОРИЁН, Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маросими супурдани лоиҳаи «Беҳтарсозии таҷҳизот барои нигоҳдорӣ, рақамисозӣ ва истифодабарии китобҳои Муассисаи давлатии Агентии Миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб -Хонаи Китоби Тоҷикистон», ки аз тариқи тарҳи кӯмакҳои грантӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷопон дастгирӣ ёфтааст, иштирок варзидаанд. Ҳукумати Ҷопон барои амалисозии ин лоиҳа 83.8 млн йени Ҷопони (тақрибан 600,000 доллари ИМА) ҷудо намудааст.

Ҳадафи аслии лоиҳа беҳтар кардани дастрасӣ ва баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои Хонаи китоби Тоҷикистон мебошад. Бо беҳтар кардани шароити нигоҳдорӣ барои китобҳову асноди бостонӣ ва фароҳам овардани таҷҳизоти пешрафта барои рақамигардонӣ, ин ташаббус ба ҳифз, истифода ва интиқоли мероси бойи фарҳангии кишвар мусоидат менамояд ва дар айни замон ба мубодилаи фарҳангии байналмилалӣ ташвиқ мекунад.

Дар доираи лоиҳа маҷмӯи таҷҳизот, аз қабили кондитсионерҳои хурду калон, системаи огоҳӣ аз сухтор, камераҳои назоратӣ, сканерҳои баландсифат барои китобҳо, рӯзномахо ва маҷаллаҳо, компютерҳо, серверҳо, принтерҳо, камераҳои рақамӣ ва асбобҳо барои рақамисозӣ ва толори хониш харид ва насб гардиданд. Дар маҷмӯъ беш аз 100 адад таҷҳизоти муосир барои беҳтарсозии инфрасохтори Хонаи китоб дастрас карда шуд.

Сафир Фурута зимни суханронӣ дар маросим итминон дод, ки таҷҳизоте, ки аз ҷониби Япония пешниҳод шудааст, барои омӯзиши таърих, анъанҳо ва фарҳанги ҳазорсолаи Тоҷикистон ба таври муфид истифода хоҳад шуд.

Лоиҳаи мазкур шаҳодати шарикии қавӣ ва пойдори Ҷопон ва Тоҷикистон буда, ӯҳдадории ҳарду кишварро барои нигоҳ доштани сарватҳои фарҳангӣ барои наслҳои оянда таъкид мекунад.

*Дар робита ба мунисибати Ҷопон ва Тоҷикистон бояд қайд кард, ки моҳи феврали соли ҷорӣ ду кишвар 33-юмин солгарди барқарории равобити дипломатиро таҷлил карданд. Дар тӯли солҳо муносибатҳои дуҷониба ҳамеша дар рӯҳияи дӯстӣ инкишоф меёбанд. Ҷопон беш аз 30 сол*

*боз бо Тоҷикистон ҳамкорӣ дошта, аз рушди устувори он дар бахшҳои мухталиф, аз ҷумла обтаъминкунӣ, тандурустӣ ва хадамоти тиббӣ, маориф, энергетика, нақлиёт ва идораи сарҳадӣ дастгирӣ мекунад. Маблағи умумии кумакҳои бебозгашт ва ҳамкориҳои техникӣ Ҷопон бо Тоҷикистон то соли 2024 ҳудуди 540 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.*

*Ҷопон ва Тоҷикистон низ дар чаҳорчӯби Муколамаи "Осиёи Марказӣ + Ҷопон" ҳамкорӣ мекунанд. Ҷопон дар соли 2004 дар ин формати С5+1 пешсаф буда, дар тӯли 20 сол натанҳо аз тариқи муколама дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла мулоқотҳои вазирони корҳои хориҷӣ, балки тавассути ҳамкориҳои амалӣ ба натиҷае ноил шудааст. Зиёда аз ин, ба максади минбаъд инкишоф додан ва мустаҳкам намудани ҳамкориҳо баргузории нахустин нишасти Муколамаи "Осиёи Марказӣ + Ҷопон" дар назар аст.».*









